# Мавзӯи 4: Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ҳангоми истифодаи технологияҳои рақамӣ

## Ҳуқуқ ба ном, тахаллус ва беномӣ (аноним)

Ҳуқуқ ба ном яке аз ҳуқуқҳои шахсии ғайриомолумулкӣ ба шумор меравад. Дар моддаи 20-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон[1] муқаррар шудааст, ки шаҳрванд ҳуқуқу уҳдадориҳоро, агар аз қонун ё анъанаҳои миллӣ тартиби дигаре барнаояд, бо номи худ, ки фамилия ва худи ном, инчунин номи падарро дар бар мегирад, ба даст меорад ва татбиқ менамояд. Тибқи ҳолат ва мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонун шаҳрванд метавонад аз тахаллус (номи сохта) истифода намояд.

Дар моддаи мазкур қонун ба 3 ҳолат ишора менамояд. Шахс ҳангоми муносибат бо дигарон ному насаби худро истифода мебарад. Истифодаи ному насаби ҳақиқӣ дар мавридҳое, ки қонун талаб менамояд, ҳатмӣ мебошад. Масалан, ҳангоми бастани шартномаи хариду фуруши манзили истиқоматӣ, дар шартнома ному насаб аз рӯи ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсият навишта мешавад. Ё ҳангоми издивоҷ намудан, гирифтани шаҳодатномаи ронандагӣ ва ғайра ҳатман ному насаби шахс истифода бурда мешавад.

Шахс метавонад ҳангоми муносибат бо дигарон тахаллус, яъне номи сохтаи худро истифода барад. Қонунгузории муаллифӣ ва қонунгузорӣ дар соҳаи воситаҳои ахбори омма ҳолатҳои бо номи сохта ё тахаллус баромад кардани шахсро муқаррар менамояд. Масалан, шахс тибқи моддаи 15-и Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" ҳақ дорад асарашро бо тахаллусаш нашр намояд. Масалан, аксари шоиронро бо тахаллусашон мешиносанд (Рудакӣ, Оташ, Ҳофиз).

Шахс метавонад дар муносибат бо дигарон номи худро истифода набарад. Масалан, тибқи моддаи 26-и Қонуни ҶТ "Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма"[2] воситаҳои ахбори омма ва журналист ҳуқуқ надоранд насаб, ном ва номи падари шахсеро, ки бо шарти ифшо нанамудани номаш ахбор додааст, зикр намоянд, ғайр аз мавридҳое, ки онро суд талаб мекунад. Шахс ҳақ дорад, тибқи моддаи 15-и Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" асарашро беном нашр намояд.

Ҳамзамон, истифода накардани ном ё бо тахаллус дар муносибатҳо иштирок намудан дар замони истифодаи технологияҳо зиёд ба назар мерасад.

Ҳангоми муроҷиат кардан ба мақомоти давлатӣ ҳатман ному насаби шахс бояд зикр шавад. Муроҷиатҳои беном сарфи назар мешаванд. Масалан, тибқи моддаи 21-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ

---

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, № 7, мод. 508; с. 2002, № 4, s. 1, мод. 170; с. 2005, № 3, мод. 125; с. 2006, № 4, мод. 193; с. 2007, № 5, мод. 356; с. 2010, № 3, мод. 156, № 12, s. 1, мод. 802; с. 2012, № 7, мод. 700, № 12, s. 1, мод. 1021; с. 2013, № 7, мод. 504; с. 2015, № 3, мод. 200; с. 2016, № 7, мод. 612

[2] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №3, мод. 201; с. 2016, №5, мод. 365

ва ҳуқуқӣ" муроҷиатҳои хаттӣ ва электроние, ки дар онҳо насаб, ном, номи падари шахси воқеӣ, маълумот дар бораи суроғаи маҳалли истиқомат ё номи пурраи шахси ҳуқуқӣ ва суроғаи маҳалли ҷойгиршавии он зикр нашудаанд ё хато нишон дода шудаанд, инчунин бе имзо (имзои электронии рақамӣ) пешниҳод шудаанд, муроҷиатҳои беном дониста шуда, мавриди баррасӣ қарор намегиранд, агар онҳо дорои маълумот оид ба тайёрӣ барои содир кардани ҷиноят ё ҷинояти содиршуда набошанд. Яъне, қонунгузории Тоҷикистон он муроҷиатҳои беноме, ки дар он маълумот дар бораи ҷиноятҳо вуҷуд дорад мавриди таваҷҷӯҳ қарор медиҳад. Мақомоти давлатӣ дар ин сурат чунин муроҷиатҳоро таҳти санҷишу назорат қарор медиҳанд. Барои мақомоти давлатӣ хубиаш он аст, ки аҳли ҷомеа барои ошкор кардани ҷиноятҳо ба мақомот мусоидат менамоянд ва ҳамзамон номашонро ифшо накарда, худро дар амон мемонанд. Барои аҳли ҷомеа хубаиш дар он аст, ки онҳо бо ин усул бо ҷинояткорӣ ва қонуншиканиҳо мубориза мебаранд.

Ҳангоми баррасии масъалаи ҳуқуқ ба беномӣ (аноним) ду масъала мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад.

Шахс дар шабакаҳо номуайян будан мехоҳад, то ин ки озодона фикрашро баён намояд ва маълумотҳои шахсиашро муҳофизат намояд.

Манфиатҳои давлат ва ҷомеа набояд ки ҳангоми истифодаи ҳуқуқ ба беномӣ зарар бинад. Яъне сӯйиистифода аз ҳуқуқ ба беномӣ намуда, таҳқиру тӯҳмат ва дигар иттилооти ғайриқонуниро паҳн намудан мумкин нест.

Дар сатҳи байналмилалӣ ҳарчанд аз ҷониби СММ санадҳои тавсиявӣ барои тақвият бахшидани ҳуқуқ ба беномӣ (аноним) қабул шуда бошад ҳам, аммо дар чанд давлат он манъ карда шудааст. Масалан, дар Бразилия ва Венесуаэла ҳуқуқ ба ибрози ақида ба таври аноним манъ шудааст. Дар Ветнам истифодаи тахаллус манъ аст. Дар Эквадор шахс ҳангоми навиштани шарҳ дар ҳошияи сайтҳо уҳдадор аст номи аслиашро нависад.

Дар Казоқистон, Чин, Эрон ва чанд давлати дигар истифодаи таҷҳизоте, ки IP- суроғаҳоро пинҳон менамояд (анонимайзер) манъ шудааст. Дар Австрия ҳам соли 2019 лоиҳаи қонун дар бораи манъ будани беномӣ ҳангоми дар шабакаҳо пайванд шудан пешниҳод гардид[3]. Тибқи он нафароне ки дар фейсбук, твитер ва дигар шабакаҳои бузург мехоҳанд амал намоянд бояд бо номи худашон баромад кунанд.

Дар аввали пайдоиши интернет аксари давлатҳо ҳуқуқ ба беномиро (аноним) дар шабакаҳо барои озодии ақида дастгирӣ менамуданд. Баъдан бинобар аз ҳад зиёд шудани сӯйиистифода аз озодии сухан, паҳн кардани маълумоти ғайриқонунӣ, тадриҷан давлатҳо истифодаи ному насаби аслиро дар шабака талаб карда истодаанд.

[3] В Австрии в 2020 году запретят анонимность в интернете. – Реҷаи дастрасӣ: https://tass.ru/obschestvo/6335723 (санаи дастрасӣ: 4.05.2021)

**Ҳуқуқи фаромӯш шудан дар интернет**

Яке аз ҳуқуқҳое, ки дар замони муосир вобаста ба истифодаи технологияҳои рақамӣ ба вуҷуд омадааст, ин "ҳуқуқи фаромӯш" шудан дар интернет мебошад. Маъноаш он аст, ки агар дар бораи шахс дар замони гузашта маълумотҳое (суратҳо, видео, мақола ва дигар маводи фарогири маълумот дар бораи шахс) дар сарчашмаҳои интернетӣ нашр шуда бошанд, ки айни замон он маълумотҳо ба назари он шахс кӯҳна, нозарур, нопурра мебошанд ва нигоҳ доштани он маълумотҳо дар сарчашмаҳои интернетӣ ҳоҷат надорад, пас ин шахс ҳақ дорад талаб намояд, ки он маълумотҳо ҳангоми ҷустуҷӯ дар ҷусторҳои интернет нопадид гардад. Дар ин сурат шахс метавонад ба ҷӯсторҳо (Гугл, Яндекс, Майл.ру ва ғ.) муроҷиат намояд ва талаб намояд, ки дигар ҳамон маълумотҳо пайдо нагарданд. Яъне, худи маълумотҳо аз серверҳое, ки дар он ҷойгир шудаанд хориҷ карда намешавад, балки суроғаҳои интернетие, ки тавассути онҳо дар ҷусторҳо маълумоти мушаххас пайдо мешуд, аз ҷониби ширкати интернетҷӯ он суроға маҳдуд карда мешавад.

Масалан, сурати А. дар ҷавонӣ дар ҳолати сархӯшӣ дар интернет дар суроғаи www.foto.1111.tj ҷойгир аст. А. ба хулоса омад, ки назди фарзандон аз будани ин сурат дар интернет шармаш меояд. Ӯ ба ширкати Гугл муароҷиат менамояд, ки ҳамин сурат дигар ҳангоми ҷустуҷӯ дар интернет дар суроғаи www.foto.1111.tj пайдо нашавад. Ширкати Гугл ин муроҷиатро омӯхта ба хулосае меояд, ки ҳақиқатан ин маълумоти шахсӣ дигар дар интернет буданаш ҳеҷ аҳамияте надорад, пас метавонад суроғаи www.foto.1111.tj-ро маҳдуд намояд ва он дигар дар ҷустори Гугл пайдо нагардад.

Мақсади асосии ин ҳуқуқислоҳи иттилооти нозарури шахсӣ мебошад. Аммо агар он иттилоот аҳамияти ҷамъиятӣ дошта бошад, пас ширкатҳои Гугл, майл.ру ва дигарон дастрасӣ ба он маълумотро маҳудуд намекунанд. Масалан, агар шахс замоне ҷиноят содир карда, ҳабс шуда бошад ва ҳоло дар озодӣ қарор дорад, аммо доғи судиаш боқӣ мондааст, агар муроҷиат намояд, ки маълумот дар бораи ҷинояти содирнамудаи ӯ дар интернет дастнорас гардад, пас ширкатҳои интернетҷӯ ин амалро иҷро намекунанд. Яъне, таносуби байни манфиатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ дар ин ҷараён ба инобат гирифта мешавад.

Ин ҳуқуқ дар ҳамаи давлатҳо муқаррар нашудааст. Он аз Қарори Суди Аврупо аз соли 2014 сарчашма мегирад. Ҳуқуқи фаромуш шудан дар интернет дар он шакле дар боло баён намудем дар 28 давлати Иттиҳоди Аврупо амал мекунад. Дар Русия ҳам соли 2015 ин ҳуқуқ дар Қонуни ФР "Дар бораи иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ ва ҳифзи иттилоот" муқаррар карда шуд. Аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол чунин ҳуқуқ дар қонунгузорӣ муқаррар нашудааст.

Дар шабакаҳои интернетӣ рӯз ба рӯз маводеро мушоҳида намудан мумкин аст, ки онҳо бе розигии соҳибонашон ҷойгир шудаанд. Масалан, порчаҳо аз тӯйҳо, навори кӯдакон дар кӯчаю бозор ва ғайра. Замоне кӯдакони дар наворбуда калон мешаванд ва хоҳиши нопадид кардани он наворро мекунанд.

Айни ҳол агар шаҳрвандони мо ба ширкатҳои Гугл, Майл.ру, Яндекс, Рамблер ва ғайра барои нопадид кардани маълумоти нозаруре, ки ба онҳо дахл дорад, муроҷиат кунанд, шояд ин ширкатҳо аз рӯи инсофашон мусоидат намоянд. Аммо агар чунин ҳуқуқ (ҳуқуқи фаромӯш шудан) дар қонунгузории ҳар як давлат бошад, шаҳрвандонаш боз ҳам боҷуръатона ба чунин ширкатҳо муроҷиат мекунанд. Аз ҳамин сабаб умедворем, ки оянда қонунгузорӣ такмил мешавад ва шахс метавонад барои нопадид намудани иттилооти нолозимии ба ӯ дахлдошта тасмим гирад.

**Ҳуқуқ ба шаъну шараф ва эътибори корӣ**

Мафҳуми шаъну шараф дар қонунгузорӣ муайян нашудааст. Дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ шаън ва шараф ҳаммаъно нишон дода шудааст [4]. Аммо баъзе мутахассисон онҳоро гуногун маънидод менамоянд. Шаън хусусияти баҳои ҷамъиятӣ дорад. Яъне ҷомеа ба рафтору кирдори шахс баҳо медиҳад ва дар натиҷа қадру мартабаи шахс муайян мегардад. Шараф хусусияти худбаҳодиҳӣ дорад. Яъне шахс худаш ба рафтору кирдор ва натиҷаҳои бадастовардааш баҳо гузошта, ба онҳо аҳамият медиҳад. Эътибори корӣ бештар ба фаъолияти корӣ хос мебошад. Яъне, шахс дар давоми фаъолияти кориаш натиҷаҳои мусбат ба даст овардааст ва он боиси муътабар шудани он мегардад.

Азбаски шаън ва шараф ва эътибори корӣ бо ҳам алоқаи ногусастанӣ доранд, пас онҳоро аксаран дар қонунҳо дар якҷоягӣ менависанд ва мавриди ҳимоя қарор медиҳанд.

Масъалаи ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ, дар шароити истифодаи васеи технология бисёр ҳассос мебошад. Зеро бо васеъ шудани имкониятҳои техникӣ натанҳо имкониятҳои фоидагирӣ, балки имконияти зарар дидан ҳам зиёд шудааст. Дар ин асно намудҳои гуногуни ҳуқуқвайронкунӣ бо истифодаи технологияҳои рақамӣ пайдо шудаанд. Яке аз онҳо ин паҳн кардани маълумоти занаровар, хусусан таҳқир ва тӯҳмат дар шабакаҳои иттилоотӣ мебошад, ки ба шаъну шараф ва эътибори кории шахсони воқеию ҳуқуқӣ зарар меоварад. Дар ҳамин ҳолат масъалаи ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ ба вуҷуд меояд.

Дар қонунгузории амалкунанда масъалаи ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ аз моддаи 42-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, ки дар он чунин пешбинӣ шудааст: Дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд. Баъдан дар партави ин меъёр дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ меъёрҳо доир ба ҳифзи шаъну шараф муқаррар шудаанд. Ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ дар қонунгузории гражданӣ асосан бо се тарз ҳимоя карда мешавад: ҷуброни зарари маънавӣ; нашри раддия; нашри ҷавоб.

Ҷуброни зарари маънавӣ яке аз тарзҳои муҳими ҳимояи ҳуқуқи гражданӣ ба шумор меравад. Ҳангоми амалҳои гуногуни ғайриқонунии як нафар

---

[4] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ /зери таҳрири Сайфиддин Назарзода (раис), Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. Душанбе, 2010. –С. 664.

(зараррасон) агар ҳуқуқҳои ғайримолумулкии нафари дигар (ҷабрдида, зарардида) вайрон гардад (ҳуқуқ ба ном, ҳуқуқ ба шаъну шараф ва эътибори корӣ, ҳуқуқ ба интихоби ҷойи зист ва ғайра) ва дар натиҷа зарари маънавӣ, азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ё рӯҳӣ расонида шуда бошад, пас бо муроҷиати ҷабрдида суд ҳуқуқвайронкардаро маҷбур менамояд, ки ҷуброни зарари маънавӣ пардозад.

Ҷуброни заррари маънавӣ инчунин дар дигар ҳолатҳое, ки қонун муқаррар кардааст, низ мумкин аст. Масалан, дар моддаи 1115-и Кодекси граждании ҳолате муқаррар шудааст, ки агар шахс маълумотеро паҳн намояду ба каси дигар зарари маънавӣ расонад, ӯ бояд ҷуброни зарари маънавӣ пардозад. Дар ин ҳолат муҳим нест, ки шахси маълумотро паҳнкарда гунаҳгор буд ё не.

Андозаи ҷуброни зарари маънавӣ дар қонунгузорӣ бо маблағи муайян, мушаххас нашудааст. Онро суд дар ҳолати мушаххас дар алоҳидагӣ муқаррар менамояд. Ҳангоми муайян намудани андозаи ҷуброни зиёни маънавӣ суд дараҷаи гуноҳи шахси вайронкардаи ҳуқуқ ва ҳолатҳои дигари қобили таваҷҷӯҳро ба назар мегирад. Суд ҳамчунин бояд дараҷаи азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ва рӯҳии марбут ба хусусиятҳои инфиродии шахси ҷабрдидаро ба назар гирад.

Дигар тарзи ҳимояи ҳуқуқ ба шаъну шараф ва эътибори корӣ ин нашри раддия ва ҷавоб мебошад. Ин масъала на танҳо дар моддаи 171-и Кодекси гражданӣ, инчунин дар моддаи 19-и Қонуни ҶТ "Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма" муайян шудааст. Шахси воқеӣ ва (ё) ҳуқуқие, ки воситаи ахбори омма дар хусуси ӯ маълумоти бардурӯғ ва ё маълумоти пастзанандаи шаъну шараф ё эътибори кориашро паҳн намудааст, ҳуқуқ дорад аз редаксияи он нашри раддияро талаб намояд.

Агар редаксияи воситаи ахбори омма дар бораи дуруст ва ба ҳақиқат мувофиқ будани маълумоти паҳннамудааш далел надошта бошад, вазифадор аст, ки дар худи ҳамон воситаи ахбори омма раддияро нашр намояд. Агар шахси воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ матни раддияи худро пешниҳод карда бошад, дар мавриди ба талаботи қонунгузорӣ мувофиқ будани матни он, раддия дар воситаи ахбори омма нашр карда мешавад.

Раддия ё ҷавоб бояд дар бахши махсус ва ё дар ҳамон саҳифа, бо ҳамон ҳуруфе чоп шавад, ки маълумоти радшаванда ба табъ расида буд. Ҳаҷми матни раддия набояд аз ҳаҷми маълумоти радшаванда зиёд бошад.

Ҳар се тарзи ҳимояи ҳуқуқ, ки номбар намудем, то пайдоиши интернет ҳам мавҷуд буданд. Хусусан раддия ва ҷавоб барои дар газета, маҷалла ва телевизион ва радио нашр шудан, равона шуда буд. Бо пайдоиши интернет масъалаи татбиқи онҳо дар масъалаҳои ҳуқуқии вобастат ба интернет пайдо шуд.

Татбиқи ин воситаҳо дар интернет мушкилотҳои хоси худро дорад:

**Муайян кардани ҷавобгар.** Шахсоне ки дар интернет маълумот паҳн мекунанд ва бо ин восита ба шаъну шараф ва эътибори кории шахси дигар зарари моддию маънавӣ мерасонанд, бисёр ҳолатҳо номуайян мебошад. Яъне, онҳо бо номи

худашон не, балки бо номи сохта, ки онро ба истилоҳ - “фейк” мегӯянд, баромад мекунанд.

**Масъалаи исбот кардан.** Маълумоти дар интернет буда мушкилоти зиёди техникиро талаб мекунад, зеро он на ҳамеша дар серверҳои ватанӣ ҷойгиранд, балки аксар вақт онҳо дар серверҳои давлатҳои бегона ҷойгир шудааст.

Барои боз ҳам осон шудани ҳалли чунин мушкилот айни замон дар таҷрибаи байналмилалӣ ширкатҳое пайдо шудаанд, ки барои хориҷ кардани маводи зараровар дар интернет амал мекунанд. Онҳо дар ҳайати худ як гурӯҳ мутахассисони идоракунӣ, ҳуқуқшинос ва техникӣ доранд, бо таври муташаккил барои аз интернет хориҷ ё нопадид кардани маълумотҳое, ки ба шахс зараровар мебошанд, амал мекунанд.

Дар баъзе давлатҳо (Русия, Қазоқистон, Туркия) низоми хориҷ кардани маводи зараровар аз интернет ва бастани сайтҳо (удаление и блокировка) ташкил карда шудааст.

**Ҳуқуқ ба тасвири шахсӣ**

Дар замони муосир тасвир ва сабти видео як ҷузъи фарҳанги қариб тамоми қишрҳои ҷомеа ба шумор меравад. Аксарият натанҳо истифодабарандаи тасвир ва сабтҳои видео шудаанд, балки бо истифодаи телефони мобилӣ онҳо худашон тасвирҳо ва видеоҳоро сабт менамоянд. Дар ин ҷараён риояи ҳуқуқ ба тасвири шахсӣ муҳим мебошад.

Ҳуқуқ ба тасвири шахсӣ дар моддаи 176-и КГ ҶТ муқаррар шудааст, ки мувофиқи он ҳеч кас ҳуқуқ надорад, ки тасвири ягон шахсеро бе ризоияти ӯ, дар сурати вафоти ӯ бошад, бе ризоияти ворисонаш истифода намояд.

Дар ин ҷо пеш аз ҳама ба муносибати байни тасвирофар ва тасвиршаванда нигоҳ кардан зарур аст. Тасвирофар аз тасвиршаванда бояд барои гирифтани тасвир иҷозат пурсад. Баъди пайдо шудани тасвир, масъалаи истифодаи он ба вуҷуд меояд. Тасвир объекти ҳуқуқи муаллиф аст ва ба он ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва молумулкӣ пайдо мешаванд. Яъне дар ин ҷо таносуби ҳуқуқҳои ду нафар пайдо мегарданд, ҳуқуқҳои тасвирофар ва тасвиршаванда. Бартарӣ ба шахси тасвиршаванда аст. Агар ӯ ба тасвирофар иҷозат дода бошад, ки ӯро тасвир намояд ва бо тарзу усулҳое, ки зидди манфиати ӯ нест истифода намояд, пас тасвирофар ба тасвираш ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии муаллифиро пайдо менамояд.

Тасвиршаванда ҳуқуқҳои зерин дорад:

Ҳуқуқи иҷозат додан, ки ӯро тасвир намоянд;

Ҳуқуқи нашр кардани тасвир;

Ҳуқуқи нусха бардоштани тасвир;

Ҳуқуқи паҳн кардани тасвир.

Агар шахс маблағ гирифта, ба тасвирофар иҷозат дода бошад, ки ӯро тасвир гирад, пас ин ҳуқуқҳо ба тасвирофар мегузарад.

Баъзан мушоҳида мешавад, ки дар почтаҳои электронӣ соҳибони почта ба ҷойи расми худашон расми шахсони дигарро мемонанд, ки ин аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ нодуруст аст.

Дар замони муосир аксар ҳолат тавсир ё видеоҳо аз сарчашмаҳои интернетӣ гирифта мешаванд. Дар ин ҳолат бояд ҳамеша дар хотир гирифтан даркор аст, ки ҳар як тасвири шахс ҳадди кам ду соҳибҳуқуқ дорад (тасвирофар ва тасвиршаванда). Барои ҳамин аз интернет гирифтани суратҳо ва видеоҳо бе пурсиш аз муаллифи он ба ҳуқуқвайроннамоӣ оварда мерасонад. Чанд ҳолате ҳаст ки тасвир ройгон ва бе пурсиши муаллифаш истифода бурда мешавад:

Агар муаллифи тасвир вафот карда бошад ва аз вафоти ӯ 50 сол гузашта бошад;

Агар муаллиф тасвирро дар шабакаи интернет таҳти иҷозатномаҳои озод гузошта бошад (масалан, бо аломатҳои creative commons);

Агар шумо тасвирро бо мақсади таълимӣ ва илмӣ истифода бурдан хоҳед.

Дар ин ҳолатҳо ҳангоми истифода муаллифи тасвирро зикр кардан даркор аст.

Беҳтарин роҳ агар имкон бошад худи шахс бо истифодаи дастгоҳи аксбардорӣ ва видеосабтнамоӣ тасвирҳои ба ӯ заруриро худаш сабт намояд. Масалан, мушоҳида мешавад, ки агар ба мо ягон расми табиат, ҳайвонот ва дигар тасвирҳо зарур шавад мо ҳатман ба интернет ворид мешаваем аз он ҷо ин тасвирҳоро пайдо менамоем. Ҳол он ки худи мо ҳам метавонем ин тасвирҳоро гирем ва роҳат истифода барем.

Доир ба истифодаи аксҳои **Геннадий Ратушенко аз ҷониби Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи судӣ мавҷуд аст. Геннадий Ратушенко дар аризаи даъвогиаш барои аз ҷониби Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриқонунӣ истифода намудани аксҳояш 140 000 сомонӣ талаб кардааст. Суди ноҳияи Шоҳмансур аризаро қисман қонеъ кардааст ва Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор кардааст ки ба муаллиф** 41 ҳазору 820 сомонӣ пардохт намояд[5]. Баъдан ин баҳс дар марҳилаи касатсионӣ баррасӣ шуда, боз ба суди ноҳияи Шоҳмансур баргардонида шуд.

Ҳамин тавр нашр намудан, нусха бардоштан ва паҳн кардани асари тасвирие (расм, акси фотографӣ, кинофилм ва ғайра), ки дар он шахси дигар тасвир ёфтааст, танҳо бо ризоияти шахси тасвирёфта, пас аз вафоташ бошад, бо ризоияти фарзандон ва ҳамсари дар қайди ҳаёт будаи ӯ иҷозат дода мешавад. Агар ин дар қонун муқаррар

---

[5]Фоторепортёр Ратушенко выиграл суд против ТПП. – Реҷаи дастрасӣ: https://vecherka.tj/archives/34522 (санаи дастрасӣ: 29.04.2021)

гардида бошад ё шахси тасвирёфта бар ивази музд худро аккосӣ кунонда бошад, чунин ризоият талаб карда намешавад.

## Масъалаҳо

**Масъалаи №1.** Аҳмад дар почтаи электрониаш ба ҷойи расми худ, расми Самадро гузошт. Шахси мазкур аз ин огоҳ шуда, ба суд даъво намуд ва ҷуброни зарари маънавӣ талаб намуд. Ба ҳолати мазкур баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Масъалаи №2.** Самад барои аз Гугл хориҷ кардани маълумотҳояш ба ин ширкат муроҷиат намуд. Ширкати Гугл ҷавоб дод, ки онҳо чунин муроҷиатҳоро аз давлатҳои аврупоӣ қабул мекунанд. Самад барои ҳалли мушкилоти худ чӣ кор карда метавонад?

## Тестҳо

**№1. Кадоме аз ин ҳуқуқҳо хусусияти молу мулкӣ доранд?**

А) Ҳуқуқ ба шаъну шараф;
Б) Ҳуқуқ ба эътибори корӣ;
В) Ҳуқуқ ба раддия;
Г) Ҳуқуқ ба манзил.

**№2. Ба тасвир киҳо ҳуқуқ доранд?**

А) Тасвирофар ва тасвиршаванда;
Б) Нашриёт;
В) Редаксия;
Г) Воситаҳои ахбори омма.

**№3. Ҳуқуқ ба фаромӯш шудан дар сарчашмаҳои интернетӣ дар куҷо пайдо шуд;**

А) ИМА;
Б) Аврупо;
В) Русия;
Г) Тоҷикистон.

**№4. Истифодаи тахаллусро кадом қонун муайян кардааст?**

А) Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими анаъана ва ҷашну маросимҳо";
Б) Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он";
В) Қонуни ҶТ "Дар бораи маориф";

Г) Қонуни ҶТ “Дар бораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ”.

**№5. Ҷуброни зарари маънавӣ ҳангоми бегуноҳ будани паҳнкунандаи маълумоти зараровар татбиқ карда мешавад?**

А) Ҳа, тибқи талаботи моддаи 1115-и КГ ҶТ;
Б) Не, чунни меъёр дар Кодекси гражданӣ нест;
В) Ҳа, агар паҳнкунанда шахси ҳуқуқӣ бошад;
Г) Ҳа, агар паҳнкунанда шахси воқеӣ бошад.

## Саволҳои кори хаттӣ

- Дар бораи моддаҳои дахлдори Кодекси гражданӣ вобаста ба ҳуқуқ ба ном маълумот диҳед.
- Дар бораи моддаҳои дахлдори Кодекси гражданӣ вобаста ба ҳуқуқ ба шаъну шараф ва эътибори корӣ маълумот диҳед.
- Дар бораи моддаҳои дахлдори Кодекси гражданӣ вобаста ба ҳуқуқ ба тасвир маълумот диҳед.
- Дар бораи моддаҳои дахлдори Кодекси гражданӣ вобаста ба ҳуқуқ ба ҷуброни зарари маънавӣ маълумот диҳед.
- Дар бораи моддаҳои дахлдори қонунгузорӣ вобаста ба ҳуқуқ ба раддия ва ҷавоб маълумот диҳед.

## Саволҳои худсанҷишӣ

Ҳуқуқ ба ном чӣ маъно дорад?
Ҳуқуқ ба тахаллус чӣ маъно дорад?
Ҳуқуқ ба беномӣ (аноним) чӣ маъно дорад?
Ҳуқуқ ба шаъну шараф чӣ маъно дорад?
Ҳуқуқ ба эътибори корӣ чӣ маъно дорад?
Ҳуқуқи фаромуш шудан чӣ маъно дорад?
Ҳуқуқ ба тасвири шахсӣ чӣ маъно дорад?

## Адабиётҳо


Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ /зери таҳрири Сайфиддин Назарзода (раис), Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. Душанбе, 2010. –С. 664

Фоторепортёр Ратушенко выиграл суд против ТПП. – Реҷаи дастрасӣ: https://vecherka.tj/archives/34522 (санаи дастрасӣ: 29.04.2021)

Меликов У.А. Иттилоот дар интернет: танзими ҳуқуқӣ. - Душанбе, “Эр-граф”, 2011, 104 с.

Меликов У.А., Монахов В.Н., Асоев А.Д., Симонова И.Г. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба интернет дар Тоҷикистон. -Душанбе, "Эрграф", 2011, 77 с.